Замимаи 1
ба фармоиши вазири молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
Аз 01 04 соли 2022, №59

Дастурамал
оид ба ҳисоб ва пардохт намудани андоз аз объектҳои ғайриманқул, андози замин ва андоз аз воситаҳои нақлиёт, инчунин шаклҳои эъломия (ҳисобот)

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Дастурамал оид ба ҳисоб ва пардохт намудани андоз аз объектҳои ғайриманқул, андози замин ва андоз аз воситаҳои нақлиёт, инчунин шаклҳои эъломия (ҳисобот) (минбаъд – Дастурамал) супорандагони андоз аз молу мулк, объекти андоз, манбаи андоз, тартиби ҳисоб ва пардохти андозҳо аз молу мулкро муқаррар менамояд.

2. Дар Дастурамали мазкур андозҳои зерин аз молу мулк муқаррар карда мешаванд:

- андоз аз объектҳои ғайриманқул;
- андози замин;
- андоз аз воситаҳои нақлиёт.

3. Давраи андоз барои андозҳо аз молу мулк соли тақвимӣ мебошад.

4. Баҳисобгирии объектҳои ғайриманқул, воситаҳои нақлиёт ва дигар объектҳои андозбандӣ дар маҳалли ҷойгиршавии онҳо дар асоси маълумоти дар реҷаи онлайн пешниҳоднамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба бақайдгирии объектҳои ғайриманқул ва воситаҳои нақлиёт амалӣ карда мешавад.

## 2. АНДОЗ АЗ ОБЪЕКТҲОИ ҒАЙРИМАНҚУЛ

### §1. Андозсупорандагон

5. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ-соҳибмулкони объектҳои ғайриманқул ё шахсоне, ки объекти ғайриманқулро истифода мебаранд, супорандагони андоз аз объекти ғайриманқул дониста мешаванд.

Эзоҳ: Мисол. ҶДММ «А» дорои объекти ғайриманқул буда, онро ба ҶСК «В» ба иҷора дода, дар шартнома ҳисоб ва пардохт намудани андоз аз объектҳои ғайриманқул ба зиммаи иҷорагир (истифодабаранда) гузошта шудааст. Дар ин ҳолат ҶДММ «В» супорандаи андоз аз объекти ғайриманқул мебошад.

## §2. Объекти андозбандӣ ва манбаи андоз

6. Объектҳои андозбандӣ биноҳои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ, объектҳои сохтмонии нотамом (аз лаҳзаи зиндагонӣ кардан ё истифода бурдан), иморатҳо, аз ҷумла пентхаус (масоҳати истиқоматӣ (квартира, иморат) дар бом ё минтақаи алоҳидаи қабати болоии бино), бӯстонсаройҳо, гаражҳо, саройҳо, биноҳои нигоҳдории чорво, биноҳои дигари ёридиҳанда ва молу мулки дигаре мебошад, ки ҷойивазкунии онҳо бе расонидани зарари моддӣ ғайриимкон аст.

7. Ба объектҳои андозбандӣ инчунин контейнерҳо, систернаҳо, дӯконҳо, шипангҳо, вагонҳо дохил мешаванд, ки дар фаъолияти соҳибкорӣ истифода шуда, дар давоми на камтар аз 3 моҳ дар ҳар соли тақвимӣ дар маҳалли амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ бе ҳаракат ҷойгир карда шудаанд.

8. Манбаи андоз масоҳати умумии ишғолнамудаи объекти андозбандӣ ва барои биноҳои бисёрошёна масоҳати ҳар ошёнаи чунин бино дар алоҳидагӣ дониста мешавад.

9. Барои биноҳои ёрирасони шахсони воқеӣ, аз ҷумла гаражҳо, саройҳо, биноҳои нигоҳдории чорво ва биноҳои дигари ёридиҳанда, ки дар фаъолияти соҳибкорӣ истифода намешаванд, манбаи андоз 50 фоизи масоҳати ишғолнамудаи чунин биноҳо дониста мешавад.

10. Масоҳати таҳхонаҳо ва болохонаҳои биноҳои истиқоматӣ, ки барои фаъолияти соҳибкорӣ истифода бурда намешаванд, ба манбаи андоз дохил намегарданд.

11.Дар ҳолати дар фаъолияти соҳибкорӣ истифода шудани таҳхонаҳо ва болохонаҳои биноҳои истиқоматӣ 50 фоизи масоҳати ишғолнамудаи онҳо манбаи андоз дониста мешавад.

12. Масоҳати объектҳои ғайриманқул дар асоси ҳуҷҷатҳои техникӣ ё ҳуҷҷатҳои дигари расмии дахлдор муайян карда мешавад.

13. Дар ҳолати пешниҳод нагардидани ҳуҷҷатҳои дахлдор, инчунин имконнопазир будани ченкунии берунии объекти ғайриманқул, масоҳати чунин объект аз ҷониби мақомоти андоз бо иштироки андозсупоранда аз рӯи масоҳати умумии муфиди дохилии объект бо замми коэффитсиенти 1,25 зарбшуда муайян карда мешавад.

Эзоҳ: Мисоли 1. ҶДММ «А» сохтмони бинои маъмурии худро анҷом дод. Аммо Ҷамъият то қабули давлатии бинои мазкур ва ҳуҷҷатҳои муайянкунандаи ҳуқуқ ба моликият, истифодабарии бинои мазкурро шуруъ мекунад. Барои мақсадҳои андозбандӣ новобаста ба набудани ҳуҷҷатҳои муайянкунандаи ҳуқуқи моликият ва шиносномаи техникӣ, бинои мазкур аз

лаҳзаи истифода бурдан ба объекти андозбандии андоз аз объектҳои ғайриманқул дохил мегардад.

Мисоли 2. Соҳибкори инфиродӣ У.Х. барои амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ аз контейнерҳо истифода менамояд, ки дар давоми бештар аз 3 моҳ дар соли тақвимӣ бе ҳаракат мебошанд. Чунин контейнерҳо ба сифати объекти андозбандии андоз аз объектҳои ғайриманқул эътироф мегардад.

Мисоли 3. Шахси воқеӣ К.И. бинои истиқоматии сеошёнаро, ки қабати болоии он пентхаус мебошад, дар ихтиёр дорад. Дар асоси ҳуҷҷатҳои техникӣ масоҳати умумии бинои сеошёна бо дар назар доштани пентхаус 600м$^2$, яъне ҳар ошёна дар алоҳидагӣ, аз ҷумла пентхаус 200м$^2$-ро ташкил медиҳад. Дар мисоли мазкур манбаи андоз аз объектҳои ғайриманқул масоҳати 600м$^2$-ро ташкил медиҳад.

Мисоли 4. Соҳибкори инфиродӣ С.Ҳ. дар таҳхонаи бинои истиқоматии худ таҷҳизоти истеҳсолкунандаи қаннодӣ васл намуда, таҳхонаро барои фаъолияти соҳибкорӣ истифода мебарад. Масоҳати умумии таҳхона 100м2-ро ташкил медиҳад. Бинобар ба фаъолияти соҳибкорӣ истифода шудани таҳхона он объекти андозбандишавандаи андоз аз объектҳои ғайриманқул ба ҳисоб рафта, манбаи андоз ба 50 фоизи масоҳати ишғолнамудаи таҳхона баробар мебошад (100м$^2$*50/100=50м$^2$).

Мисоли 5. Шаҳрванд дар бинои бисёрошёна хона бо масоҳати 85м$^2$ ва дар қисми поёнии бинои мазкур гараж бо масоҳати 30м$^2$ дорад. Бо мақсади ҳисоб намудани андоз аз объектҳои ғайриманқул ба сифати манбаи андоз 100 фоизи масоҳати хона ба инобот гирифта шуда, масоҳати гараж, ки дар таҳхонаи бинои истиқоматӣ ҷойгир аст, 50 фоизи масоҳати ишғолнамудаи он ба манбаи андоз дохил мешавад.

Мисоли 6. Шахси воқеӣ Р. Ҳ. соҳибмулки бинои истиқоматии якошёна бо масоҳати 80м$^2$, ки он дорои таҳхона бо масоҳати 80м$^2$ ва болохона бо масоҳати 70м$^2$ буда, таҳхона ва болохонаи он барои нигаҳдории молҳои ниёзи оилавӣ истифода мегардад. Бо мақсади андозбандӣ танҳо бинои истиқоматии он, яъне 80м$^2$ манбаи андоз аз объектҳои ғайриманқул ба ҳисоб рафта, таҳхона ва болохонаи он, ки бо мақсади фаъолияти соҳибкорӣ истифода намешавад, ба манбаи андоз дохил намегардад.

## §3. Имтиёзҳои андоз аз объектҳои ғайриманқул

14. Объектҳои ғайриманқули зерин андозбандӣ карда намешаванд:

- объектҳои ғайриманқули муассисаҳои давлатӣ, ки бевосита барои иҷро намудани вазифаҳои оинномавии онҳо истифода бурда мешаванд ва фаъолияти онҳо аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ маблағгузорӣ мегардад;
- объектҳои ғайриманқуле, ки дар онҳо Қаҳрамони иттиҳоди шӯравӣ,

Қаҳрамони меҳнати сотсиалистӣ, Қаҳрамони Тоҷикистон, дорандагони ордени Ситораи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ордени Зарринтоҷ, ордени Исмоили Сомонӣ, иштирокчиёни Ҷанги бузурги ватании солҳои 1941-1945, шахсони ба онҳо баробаркардашуда, иштирокчиёни дигар амалиётҳои ҳарбӣ оид ба муҳофизати Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ, аз ҷумла ҷанговарони интернатсионалист, иштирокчиёни рафъи оқибатҳои фалокати Неругоҳи барқи атомии Чернобил, маъюбони гурӯҳҳои I ва II ба қайд гирифта шудаанд;

- объектҳои ғайриманқули нафақагирони яккаю танҳо, ки дар алоҳидагӣ ё якҷоя бо кӯдакони ноболиғ ё кӯдаки маъюб дар хонаи алоҳида зиндагӣ мекунанд;
- объектҳои ғайриманқули оилаҳои серфарзанд, ки падар ё модар ё ҳар ду вафот кардаанд ва дар онҳо панҷ ва зиёда аз он кӯдакони то 16-сола истиқомат доранд;
- объектҳои ғайриманқули падару модар, ҳамсар (бевамард ва ё бевазан) ва фарзандони то 16-солаи хизматчиёни ҳарбӣ ва кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, ки ҳангоми иҷрои вазифаи хизматӣ фавтидаанд;
- объектҳои ғайриманқули иттиҳодияҳои динӣ, ки дар фаъолияти соҳибкорӣ истифода намешаванд;
- масоҳати объектҳои ғайриманқули давлатӣ, ки бо тартиби муқарраргардида ба иҷора дода шуда, иҷорапулии онҳо дар ҳаҷми пурра ба буҷети давлатӣ пардохт карда мешавад;
- гармхонаҳои мавсимии наздиҳавлигӣ.

15. Имтиёзҳои дар сархатҳои сеюм - панҷуми банди 14 Дастурамал пешбинишуда дар асоси шаҳодатномаи нафақа, шаҳодатномаи мукофоти давлатӣ, маълумотномаи мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ оид ба шумораи фарзандон, маълумотнома дар бораи фавти хизматчиёни ҳарбӣ ва кормандони мақомоти корҳои дохилӣ татбиқ карда мешаванд.

Эзоҳ: Мисоли 1. Муассисаи таълимии таҳсилоти миёна аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузорӣ гардида, дорои объекти ғайриманқул бо масоҳати 5658м$^2$ мебошад, ки аз он 5526м$^2$ бевосита барои иҷро намудани вазифаҳои оинномавӣ (таълимӣ) истифода гардида, боқимонда 132м$^2$ дар асоси шартнома аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ ва муассисаи таълимӣ ба соҳибкори инфиродӣ барои амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ ба иҷора дода шуда, иҷорапулии 132м$^2$ дар ҳаҷми пурра ба буҷети давлатӣ гузаронда мешавад. Дар ин ҳолат муассисаи таълимӣ аз ҳисоб ва пардохти андоз аз объектҳои ғайриманқул озод мебошад.

Мисоли 2. Шахси воқеӣ М.Ҳ. дар замини наздиҳавлигии худ дар масоҳати 200м$^2$ гармхонаи мавсимӣ ва дар масоҳати 100м$^2$ гармхонаи доимӣ

дорад. Дар ин сурат масоҳати 200м$^2$ объектҳои ғайриманқул барои гармхонаи мавсими истифодашавандаи шахси воқеӣ аз пардохти андоз аз объектҳои ғайриманқул озод буда, аз масоҳати 100м$^2$, ки барои гармхонаи доимӣ истифода мегардад, 50 фоизи он (50м$^2$) бо андоз аз объектҳои ғайриманқул андозбандӣ карда мешавад.

## §4. Меъёри андоз аз объектҳои ғайриманқул

16. Меъёри андоз аз объектҳои ғайриманқул, вобаста ба масоҳати ишғолнамудаи объектҳои ғайриманқул ва мақсади истифодабарии онҳо бо фоиз аз нишондиҳанда барои ҳисобҳо бо дар назар доштани коэффитсиенти минтақавӣ дар миқёси шаҳру ноҳияҳо ба андозаҳои зерин муқаррар карда мешавад:

1) барои объектҳои ғайриманқуле, ки ҳамчун биноҳо (ҳуҷраҳо)-и истиқоматӣ, инчунин биноҳои ёрирасони онҳо истифода карда мешаванд:

- то 90 метри мураббаъ - 3 фоиз;
- аз 90 то 200 метри мураббаъ - 4 фоиз;
- зиёда аз 200 метри мураббаъ - 6 фоиз;

2) барои объектҳои ғайриманқуле, ки барои амалӣ намудани фаъолияти савдо, ташкили нуқтаҳои хӯроки умумӣ, намудҳои дигари хизматрасонӣ ва иҷрои корҳо истифода карда мешаванд:

- то 250 метри мураббаъ - 12 фоиз;
- аз 250 то 500 метри мураббаъ - 15 фоиз;
- зиёда аз 500 метри мураббаъ - 18 фоиз;

3) барои объектҳои ғайриманқуле, ки барои амалӣ намудани намудҳои дигари фаъолият истифода мешаванд:

- то 200 метри мураббаъ - 9 фоиз;
- аз 200 то 500 метри мураббаъ - 12 фоиз;
- зиёда аз 500 метри мураббаъ - 15 фоиз;

4) барои объектҳои ғайриманқуле, ки дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Бохтар ва Кӯлоб ҷойгир мебошанд, меъёрҳои дар зербандҳои 2) ва 3) банди мазкур муайяншуда ба андозаи дукарата истифода карда мешавад.

17. Барои объектҳои ғайриманқуле, ки дар минтақаҳои рушди сайёҳӣ ва истироҳат, ки бо қарорҳои дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон карда мешаванд, ҷойгир мебошанд, ва бо мақсади фаъолияти соҳибкорӣ истифода мешаванд, меъёрҳои андоз ба андозаи дукаратаи меъёрҳое, ки дар банди 16 Дастурамал пешбинӣ шудаанд, муқаррар карда мешаванд.

18. Коэффитсиентҳои зерини минтақавӣ андозаи пардохти андоз аз объектҳои ғайриманқулро танзим менамоян:

| Гурӯҳ | Номгӯйи шаҳрҳо, ноҳияҳо ва минтақаҳо | Коэффитсиентҳои минтақавӣ |
|---|---|---|
| 1. | Ҳудуди шаҳри Душанбе | 1,0 |
| 2. | Ҳудуди шаҳрҳои Хуҷанд, Бохтар ва Кӯлоб | 0,8 |
| 3. | Ҳудуди маъмурии ноҳия ва шаҳрҳои Гулистон, Бӯстон, Истиқлол, Истаравшан, Исфара, Конибодом, Панҷакент, Ваҳдат, Ҳисор, Турсунзода, Роғун, Норак, Левакант, Кӯшониён ва Хоруғ | 0,6 |
| 4. | Ҳудуди дигар шаҳракҳо ва марказҳо маъмурии ноҳияҳое, ки дар гурӯҳҳои 1, 2 ва 3 нишон дода нашудаанд | 0,4 |
| 5. | Ҳудуди деҳоти мансуб ба ноҳияҳо (шаҳрҳо)-и Истаравшан, Гулистон, Бӯстон, Бобоҷон Ғафуров, Исфара, Конибодом, Спитамен, Ҷаббор Расулов, Панҷакент, Ваҳдат, Рӯдакӣ, Турсунзода, Шаҳринав, Ҳисор, Ёвон, Восеъ, Данғара, Кӯлоб, Фархор, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Муъминобод, Норак, Вахш, Қубодиён, Ҷайҳун, Носири Хусрав, Панҷ, Сарбанд, Хуросон, Ҷалолиддини Балхӣ, Дӯстӣ ва Шаҳритус | 0,3 |
| 6. | Ҳудуди деҳоти мансуб ба дигар ноҳияҳое, ки дар гурӯҳҳои 5 ва 7 нишон дода нашудаанд | 0,2 |
| 7. | Ҳудуди деҳоти мансуб ба шаҳри Роғун, ноҳияҳои Деваштич, Айнӣ, Кӯҳистони Мастчоҳ, Шаҳристон, Нуробод, Рашт, Ванҷ, Дарвоз, Ишкошим, Роштқалъа, Рӯшон, Мурғоб ва Шуғнон | 0,1 |

Эзоҳ: Мисоли 1. Шахси воқеӣ И.Х. дар шаҳри Турсунзода хонаи истиқоматӣ бо масоҳати умумии 70м$^2$ дорад. Тибқи сархати якуми зербанди 1) банди 16 Дастурамал андоз аз объектҳои ғайриманқули шахси воқеӣ И.Х. дар соли 2022 80,64 сомониро ташкил дода, бо тартиби зерин ҳисоб карда шудааст:

- 70м$^2$ (масоҳат)*1,92 сомонӣ (64 сомонӣ (НБҲ)*3% меъёри андоз)*0,6 (коэффитсиенти минтақавӣ)= 80,64 сомонӣ.

Мисоли 2. Шахси воқеӣ С.М. дар шаҳри Душанбе хонаи истиқоматӣ ба масоҳати 190м$^2$ дорад. Тибқи зербанди 1) банди 16 Дастурамал андоз аз объектҳои ғайриманқули шахси воқеӣ С.М. дар соли 2022 428,8 сомониро (172,8+256) ташкил дода, бо тартиби зерин ҳисоб карда шудааст:

1) 190м$^2$ -90м$^2$ = 100м$^2$(масоҳат);

2) 90м$^2$ (масоҳат)*1,92 сомонӣ (64 сомонӣ (НБҲ)*3% меъёри андоз)*1 (коэффитсиенти минтақавӣ)= 172,8 сомонӣ;

3) 100м2 (масоҳати боқимонда) *2,56 сомонӣ (64 сомонӣ (НБҲ)*4% меъёри андоз)*1 (коэффитсиенти минтақавӣ) =256 сомонӣ;

4) 172,8+256=428,8 сомонӣ;

Мисоли 3. Соҳибкори инфиродӣ Р.П. дар шаҳри Исфара 300м$^2$ объекти ғайриманқул дорад, ки аз он 150м$^2$ ҳуҷраҳои истиқоматӣ, 50м$^2$ мағозаи фурӯши молҳои ниёзи мардум, 75м$^2$ сехи истеҳсоли мол ва 25м$^2$ анборе, ки ба иҷора дода шуда, дар он хариду фурӯши маҳсулот анҷом дода мешавад. Маблағи андоз аз объекти ғайриманқули соҳибкори инфиродӣ Р.П. 800,7 (195,9+345,6+259,2) сомониро ташкил медиҳад. Дар мисоли мазкур тибқи банди 16 Дастурамал маблағи андоз дар соли 2022 бо тартиби зерин ҳисоб карда шудааст:

1) 150м$^2$ - 90м$^2$ =60м2 (ҳуҷраҳои истиқоматӣ):

- 90м$^2$ (масоҳат)*1,92 сомонӣ (64 сомонӣ (НБҲ)*3% меъёри андоз)*0,6 (коэффитсиенти минтақавӣ)= 103,7 сомонӣ;

- 60м$^2$ (масоҳати боқимонда) *2,56 сомонӣ (64 сомонӣ (НБҲ)*4% меъёри андоз)*0,6 (коэффитсиенти минтақавӣ)=92,2 сомонӣ;

- 103,7+92,2=195,9 сомонӣ.

2) 50м$^2$ (мағозаи фурӯши молҳои ниёзи мардум) +25м$^2$ (анборе, ки ба иҷора дода шуда, дар он хариду фурӯши маҳсулот анҷом дода мешавад)=75м$^2$:

- 75м$^2$ (масоҳат)*7,68 сомонӣ (64 сомонӣ (НБҲ)*12% меъёри андоз)*0,6 (коэффитсиенти минтақавӣ)= 345,6 сомонӣ.

3) 75м$^2$ сехи истеҳсоли мол:

- 75м$^2$ (масоҳат)*5,76 сомонӣ (64 сомонӣ (НБҲ)*9% меъёри андоз)*0,6 (коэффитсиенти минтақавӣ)= 259,2 сомонӣ.

Мисоли 4. Соҳибкори инфиродӣ М.Ш. дар шаҳри Бохтар бинои дуошёна дорад, ки ҳар як ошёнаи он 350м$^2$ ташкил дода, масоҳати умумии он 700м$^2$ мебошад. Соҳибкор дар ошёнаи якум маркази савдо ва дар ошёнаи дуюми бино тарабхона кушодааст. Дар мисоли мазкур тибқи зербандҳои 2) ва 4) банди 16 Дастурамал маблағи андоз дар соли 2022 9984 сомониро ташкил додааст, ки бо тартиби зерин ҳисоб карда шудааст:

1) 700м$^2$-250=450м$^2$;

2) 250м$^2$ (масоҳат)*7,68 сомонӣ (64 сомонӣ (НБҲ)*12% меъёри андоз)*0,8 (коэффитсиенти

минтақавӣ)= 1536 сомонӣ;

3) 450м2 (масоҳати боқимонда)*9,6 сомонӣ (64 сомонӣ (НБҲ)*15% меъёри андоз)*0,8 (коэффитсиенти минтақавӣ) = 3456 сомонӣ;

4) 1536+3456=4992 сомонӣ;

5) 4992*2 (меъёри 2 каратаи пешбинигардида)=9984 сомонӣ.

Мисоли 5. Шаҳрванд Т.Б. дар ҳудуди минтақаи истироҳатии деҳоти Ромити шаҳри Ваҳдат хонаи истиқоматӣ бо масоҳати 350м$^2$ дорад, ки аз он 265м$^2$-ро барои ташкили хизматрасонии курортӣ ба сохибкори инфиродӣ ба иҷора дода, тибқи шартнома пардохти маблағи андоз аз объекти ғайриманкул ба зимаи шаҳрванд Т.Б. вогузор гардидааст ва дар 85м$^2$ боқимонда истиқомат менамояд. Дар мисоли мазкур тибқи зербандҳои 1) ва 2) банди 16 ва банди 17 Дастурамал маблағи андоз дар соли 2022 1307,6 сомониро ташкил додааст, ки бо тартиби зерин ҳисоб карда шудааст:

1) 85м$^2$ (масоҳат)*1,92 сомонӣ (64 сомонӣ (НБҲ)*3% меъёри андоз)*0,3 (коэффитсиенти минтақавӣ)= 49,0 сомонӣ;

2) 265м$^2$ (масоҳати хизматрасонӣ) - 250=10м$^2$:

- 250м$^2$ (масоҳати хизматрасонӣ) * 7,68 сомонӣ (64 сомонӣ (НБҲ)*12% меъёри андоз)*0,3 (коэффитсиенти минтақавӣ)= 576 сомонӣ;

- 10м$^2$ (масоҳати хизматрасонӣ) * 9,6 сомонӣ (64 сомонӣ (НБҲ)*15% меъёри андоз)*0,3 (коэффитсиенти минтақавӣ)= 28,8 сомонӣ;

- 576+28,8=604,8;

4) 49,0+604,8=653,8;

5) 653,8*2 (меъёри 2 каратаи пешбинигардида) =1307,6 сомонӣ.

## 3. АНДОЗИ ЗАМИН

### §1. Андозсупорандагон

19. Андозсупорандагони андози замин шахсони зерин мебошанд:

- заминистифодабарандагоне, ки ба онҳо қитъаҳои замин барои истифодаи бемуҳлат, муҳлатнок ва меросии якумра дода шудаанд;

- заминистифодабарандагоне, ки воқеан қитъаҳои заминро истифода мебаранд, ба истисноӣ ифодабарандагони низоми ягонаи кишоварзӣ;

- истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, ки тибқи низоми умумии андозбандӣ фаъолият мекунанд.

20. Дар ҳолати ба иҷора додани қитъаи замин иҷорадиҳанда супорандаи андози замин дониста мешавад.

21. Андозсупоранда бо риояи муқаррароти бобҳои 52 ва 53 Кодекси андоз ва сипарӣ шудани 36 моҳи тақвимӣ метавонад аз низоми умумии андозбандӣ ба низоми содакардашудаи андозбандӣ барои

истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ гузарад.

Эзоҳ: Мисоли 1. Шаҳрванд Д.Д. тибқи ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда дорои қитъаи замин бо масоҳати 0,4 гектар мебошад. Аммо қитъаи замини мазкур аз ҷониби шаҳрванд амалан истифода намегардад. Новобаста ба истифодабарӣ, бекор хобидан ва ё ба иҷора додан тибқи талаботи банди 19 Дастурамал, Шаҳрванд Д.Д. дар тамоми давра супорандаи андози замин ба ҳисоб меравад.

Мисоли 2. Шаҳрванд М.Р. бидуни ягон ҳуҷҷати тасдиққунандаи ҳуқуқи истифодбарии замин 0,2 гектар қитъаи заминро барои мақсадҳои шахсии худ истифода мебарад. Сарфи назар аз он, ки шаҳрванди мазкур вобаста ба замини мазкур ҳуҷҷатҳои дахлдор надорад, ҳамчун истифодабаранда супорандаи андози замин ҳисобида мешавад.

## §2.Объекти андозбандӣ ва манбаи андози замин

22. Объекти андозбандии андози замин қитъаҳои заминҳои маҳалҳои аҳолинишин, заминҳои берун аз маҳалҳои аҳолинишин, бо дар назар доштани сифат, минтақаи кадастрии замин, таъиноти истифодабарӣ ва хусусиятҳои экологии қитъаҳои замине мебошанд, ки мансубияти онҳоро қонунгузории замини Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

23. Объекти андозбандии андози замин мутобиқи қонунгузории замини Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дар назар доштани ҷойгиршавии қитъаи замин, минтақаи кадастрии замин, таъиноти истифодабарӣ ва хусусиятҳои экологии қитъаи замин муайян карда мешавад.

24. Бо дар назар доштани муқаррароти банди 23 Дастурамал асос барои муайян намудани андози замин ҳуҷҷатҳои заминистифодабарӣ ва минтақаи кадастрии қитъаи замин мебошад.

25.Маблағи андози замин, новобаста ба натиҷаи фаъолияти хоҷагидории заминистифодабаранда, барои воҳиди масоҳати замин дар шакли пардохтҳои устувор барои як сол муқаррар карда мешавад.

26. Манбаи андоз барои ҳисоб намудани андози замин масоҳати қитъаи замини дар ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи ҳуқуқи истифодаи замин зикргардида ё масоҳати қитъаи замине, ки заминистифодабаранда амалан истифода мебарад ба истиснои замини аз пардохти андоз озодшуда, мебошад.

27. Ба масоҳати андозбандишаванда заминҳои вобасташуда, аз ҷумла заминҳои зери биноҳо, иншоот, объектҳои минтақаҳои санитарии муҳофизатӣ, минтақаҳои техникӣ ва қитъаҳои замини дигаре, ки барои нигоҳдории бинову иншоот заруранд, дохил мешаванд.

28. Барои воҳиди алоҳидаи шахси ҳуқуқӣ манбаи андоз масоҳати қитъаи замине мебошад, ки ба чунин воҳиди алоҳида (филиал ё намояндагӣ) дар ҳудуди марзи маъмурии дахлдор вобаста шудааст.

Эзоҳ: Мисоли 1. Шаҳрванд О.Р. дар замини наздиҳавлигии худ 100 адад дарахти себу нок дорад ва дар соли 2022 ҳосил ба даст оварда, аз ҳисоби фурӯши он даромад мегирад. Дар соли 2023 бинобар тағйирёбии обу ҳаво аз ҳисоби замини худ умуман ҳосил намегирад. Тибқи муқаррароти банди 25 Дастурамал новобаста ба натиҷаи фаъолияти хоҷагидории истифодабарандаи замин шаҳрванд уҳдадор аст, ки барои солҳои 2022 ва 2023 андози заминро барои воҳиди масоҳати замин дар шакли устувор пардохт намояд.

Мисоли 2. ҶДММ «С» истифодабарандаи 0,5 гектар замин буда, дар 0,3 гектари он бинои маъмурӣ бунёд намудааст. Новобаста ба он, ки 0,3 гектар замин зери бинои маъмурӣ мебошад, дар мисоли мазкур масоҳати 0,5 гектар қитъаи замини ҶДММ ««С» ҳамчун манбаи андоз аз замин ба ҳисоб меравад.

## § 3. Меъёрҳои андози замин

29. Меъёрҳои андоз барои як гектари замин дар миқёси вилоятҳо ва шаҳрҳо (ноҳияҳо) бо дар назар доштани минтақаҳои кадастрӣ ва намудҳои замин, аз ҷумла заминҳои маҳалҳои аҳолинишин, заминҳои зери ҷангалзор ва буттазорҳои маҳалҳои аҳолинишин ва заминҳои таъиноти кишоварзӣ, бо пешниҳоди мақоми ваколатдори давлатии батанзимдарории муносибатҳои вобаста ба замин бо мақоми ваколатдори давлатӣ мувофиқашуда ҳар 5 сол аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд.

30. Меъёрҳои андози замин ҳамасола аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ мутобиқи сатҳи таварруми соли гузашта индексатсия карда мешаванд. Меъёрҳои индексатсияшудаи андози замин барои соли тақвимӣ дар сомонаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир карда мешавад.

31. Заминҳое, ки аз ҷониби шахсони воқеӣ дар маҳалҳои аҳолинишин (шаҳрҳо, шаҳракҳо ва деҳаҳо) истифода карда мешаванд, бо тартиби зерин андозбандӣ мегарданд:

1) масоҳати ҳар қитъаи замине, ки ба заминистифодабаранда мутобиқи ҳуҷҷати тасдиққунанда вобаста карда шудааст, тибқи сархатҳои якум ва дуюми зербанди 2) банди мазкур андозбандӣ мегардад;

2) маблағи андози замин вобаста ба масоҳати қитъаи замин ва мақсади истифодабарии он бо тартиби зерин ҳисоб карда мешавад:

- барои қитъаҳои замин, аз ҷумла заминҳои зери биноҳо (ҳуҷраҳо)-и истиқоматӣ истифодашаванда ва биноҳои ёрирасони онҳо то 0,12 гектар дар заминҳои обӣ ва то 0,15 гектар дар заминҳои обёринашаванда (лалмӣ) – тибқи меъёрҳои муқарраргардида. Аз 0,12 гектар то 0,20 гектар дар заминҳои обӣ ва аз 0,15 то 0,25 гектар дар заминҳои обёринашаванда (лалмӣ) бошад бо меъёри дукаратаи барои масоҳатҳои дар ҷумлаи якум зикргардида. Зиёда аз 0,20

гектар заминҳои обӣ ва дар майдони обёринашаванда (лалмӣ) зиёда аз 0,25 гектар бо меъёри секаратаи барои масоҳатҳои дар ҷумлаи якум муқарраргардида;

- барои заминҳои бо мақсади амалисозии фаъолияти соҳибкорӣ истифодашаванда, ба истиснои соҳибкорони инфиродии тибқи низоми содакардашуда барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ фаъолияткунанда, бо меъёри панҷкаратаи барои масоҳатҳои дар ҷумлаи якуми сархати якуми зербанди 2) банди мазкур муқарраргардида.

32. Нисбат ба заминҳое, ки аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ истифода карда мешаванд, меъёри панҷкаратаи дар сархати якуми зербанди 2) банди 31 Дастурамал муқарраргардида татбиқ карда мешавад.

Эзоҳ: Мисоли 1. Тибқи қарори дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёри андози замин дар соли 2022 барои як гектар замин дар шаҳри Душанбе 1191,4 сомонӣ тасдиқ шудааст. Тибқи банди 31 Дастурамал Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дар назар доштани сатҳи таварруми соли 2022, ки 7,0 фоизро ташкил додааст, меъёри андози заминро барои соли 2023 индексатсия менамояд, ки маблағи андози мазкур барои як гектар замин дар шаҳри Душанбе ба 1274,8 сомонӣ баробар мегардад (1191,4*7,0% (сатҳи таваррум)).

Мисоли 2. Шаҳрванд Ҳ.Ф. дар шаҳри Кӯлоб 0,15 гектар замини обии бо мақсади истиқоматӣ истифодашаванда дорад. Маблағи андози замини шаҳрванд Ҳ.Ф. дар соли 2022 160,82 сомониро ташкил додааст, ки бо тартиби зерин ҳисоб карда шудааст:

1) 893,54 сомонӣ (меъёри андоз барои 1 гектар);

2) 0,15 гектар-0,12 гектар=0,03 гектар;

3) 0,12 гектар*893,54=107,22 сомонӣ;

4) 0,03 гектар *893,54=26,80 сомонӣ*2 (меъёри дукарата барои масоҳати зиёда аз 0,12 гектар)=53,6;

5) 107,22+53,6=160,82 сомонӣ.

Мисоли 3. ҶДММ «А» дар шаҳри Душанбе 0,70 гектар қитъаи замини обӣ, ки дар он бинои маъмурӣ ва коргоҳ мавҷуд мебошад, дорад. Маблағи андози замини ҶДММ «А» дар соли 2022 4169,9 сомониро ташкил додааст, ки бо тартиби зерин ҳисоб карда шудааст:

1) 1191,40 сомонӣ (меъёри андоз барои 1 гектар);

2) 0,70 гектар*1191,40=834,0*5(меъёри панҷкарата барои масоҳати умумӣ)=4169,9 сомонӣ.

## §4.Озодкунӣ аз андози замин

33. Аз пардохти андози замин ҳудудҳо ва заминҳои зерин озод

мебошанд:

- ҳудуди мамнуъгоҳҳо, боғҳои миллӣ ва дендрологӣ, ботаникӣ, ёдгориҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва меъморӣ, ки номгӯй ва масоҳати ҳудудҳои онҳо аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидаанд;

- заминҳои муассисаҳои давлатӣ, ки барои амалисозии фаъолияти оинномавӣ (низомномавӣ)-и чунин муассисаҳо истифода мегарданд, ба истиснои заминҳои чунин муассисаҳо, ки барои фаъолияти соҳибкорӣ дода (истифода) шудаанд;

- заминҳое, ки мутобиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вайроншуда эътироф шудаанд, инчунин заминҳое, ки тибқи хулосаи расмии мақоми ваколатдори давлатии батанзимдарории муносибатҳои вобаста ба замин ва мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи кишоварзӣ дар марҳилаи азхудкунии кишоварзӣ қарор доранд, ба муҳлати 5 сол баъд аз гирифтан (оғози азхудкунӣ)-и чунин заминҳо;

- заминҳое, ки таҳти хати мушоҳида дар тӯли сарҳади давлатӣ қарор дошта, бо мақсадҳои дигар истифода намешаванд;

- заминҳои истифодаи умумии маҳалҳои аҳолинишин ва хоҷагии коммуналӣ, аз ҷумла иттиҳодияҳои динӣ, қабристонҳо, агар дар чунин заминҳо фаъолияти соҳибкорӣ анҷом дода нашавад;

- заминҳои захираи озоди давлатӣ, инчунин заминҳое, ки дар зери пиряххо, ярчҳо, дарёҳо ва кӯлҳо воқеъ мебошанд, агар дар онҳо фаъолияти соҳибкорӣ амалӣ карда нашавад;

- заминҳое, ки дар онҳо таҷҳизоти манбаъҳои барқароршавандаи барқ насб гардидаанд (бо қувваи номиналии 0,1 МВт ва зиёда аз он), ба муҳлати 5 сол аз санаи ба кор андохтани он;

- заминҳои таҳти роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум ва роҳи оҳан, инчунин заминҳои таҳти объектҳои давлатии интиқоли барқ, обтаъминкунӣ ва иншооти обии давлатӣ қарордошта, агар дар онҳо фаъолияти соҳибкорӣ амалӣ карда нашавад;

- заминҳое, ки барои таъмини мудофиа ва амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи ҷойгиркунии онҳо ва масоҳати муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудаанд, агар дар онҳо фаъолияти соҳибкорӣ амалӣ карда нашавад;

- як қитъаи замини наздиҳавлигӣ ва қитъаи замине, ки барои сохтмони манзил ба шахсони дар сархати дуюми қисми 1 моддаи 347 Кодекси андоз зикршуда ҷудо гардидаанд;

- қитъаҳои замини наздиҳавлигие, ки ба муҳоҷирони ихтиёрӣ ва экологӣ барои зисти доимӣ аз як ноҳияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар дигар ноҳияҳои муайяннамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷудо карда шудаанд, ба

муҳлати 3 сол баъд аз ҷудо намудани чунин заминҳо;

- қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ ва заминҳое, ки барои сохтмони манзил ба муаллимони дар муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ ва духтурони дар муассисаҳои тиббии деҳот коркунанда ҷудо карда шудаанд, дар давраи кори онҳо дар чунин муассисаҳо;

- масоҳати заминҳое, ки бо мақсадҳои илмӣ ва таълимӣ, инчунин озмоиши навъҳои зироатҳои кишоварзӣ, дарахтҳои ороишӣ ва мевадиҳанда ба ташкилотҳои илмӣ, хоҷагиҳои таҷрибавӣ ва илмию озмоишӣ, муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ ва муассисаҳои таълимии самтҳои кишоварзӣ ва хоҷагии ҷангал, ки номгӯй ва истифодабарандагони онҳоро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд, ҷудо гардидаанд, агар чунин масоҳатҳо бо мақсади соҳибкорӣ истифода нагарданд;

- қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ ва заминҳое, ки барои сохтмони манзил барои ҳамаи гурӯҳи маъюбон (ба истисноӣ маъюбони гурӯҳҳои I ва II) дар доираи меъёрҳои муқаррарнамудаи Кодекси замин Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷудо шудаанд, агар дар чунин оилаҳо шахси ғайри қобили меҳнат бошад ва шахси маъюб эътирофшуда бе ҷойи кор бошад;

- замини чарогоҳҳо, алафзорҳо, бешаҳо ва заминҳои дигар, ки барои бунёди боғҳо ва токзорҳо истифода карда мешаванд, ба муҳлати 5 сол аз соли оғози бунёди боғҳо ва токзорҳо, агар чунин заминҳо қаблан барои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ истифода нашуда бошанд.

- аз 1 январи соли 2022 то 31 декабри соли 2031 қитъаҳои замине, ки барои тутзорҳо истифода мешаванд, бо андози замин андозбандӣ карда намешаванд.

Эзоҳ: Мисол. Кооперативи тиҷоратии «А» дар низоми умумии андозбандӣ фаъолият намуда, дорои 20 гектар қитъаи замини таъиноти кишоварзӣ мебошад. Тибқи ҳуҷҷатҳои муайянкунандаи ҳуқуқи истифодаи замин аз 20 гектар замини мазкур 10 гектар қитъаи замини он ҳамчун тутзор нишон дода шудааст ва он амалан ҳамчун тутзор истифода мегардад. Бинобар ин, Кооперативи тиҷоратии «А» аз пардохти андози замин барои 10 гектар қитъаи замини тутзор озод мешавад.

34. Барои истифодаи имтиёзҳои андозии дар банди 33 Дастурамал пешбинишуда андозсупоранда уҳдадор аст ба мақомоти андози маҳаллӣ ҷойгиршавии қитъаи замин ҳуҷҷатҳои муайянкунандаи ҳуқуқи истифодаи замин ва ҳуҷҷатҳои дахлдори тасдиқкунандаро пешниҳод намояд.

## 4. МАЪМУРИКУНОНИИ АНДОЗИ ЗАМИН ВА АНДОЗ АЗ ОБЪЕКТҲОИ ҒАЙРИМАНҚУЛ

### §1. Тартиби умумии ҳисоб ва пардохт намудани андози замин ва (ё) андоз аз объектҳои ғайриманқул

35. Ҳисоб намудани андоз аз андози замин ва (ё) андоз аз объектҳои ғайриманқул бо роҳи зарб намудани манбаи андоз ба меъёрҳои дахлдори андоз оид ба ҳар объекти андозбандӣ дар алоҳидагӣ анҷом дода мешавад.

36. Андози замин ва (ё) андоз аз объектҳои ғайриманқул аз моҳи минбаъдаи моҳе, ки дар он андозсупоранда ҳуқуқи истифодаи (ё ихтиёрдории) объекти андозбандиро гирифтааст, ҳисоб карда мешавад.

37. Дар ҳолати қатъ гардидани ҳуқуқи истифода (ё ихтиёрдорӣ)-и объекти андозбандӣ, андози замин ва (ё) андоз аз объектҳои ғайриманқул барои моҳҳои воқеан истифодашуда (ё ихтиёрдорӣ)-и объекти андозбандӣ, аз ҷумла моҳи қатъ гардидани ҳуқуқҳои дар боло зикргардида ҳисоб карда мешавад.

38. Ҳангоми дар давоми соли тақвимӣ аз як категорияи замин (маҳалли аҳолинишин) ба категорияи дигар гузаронидани заминҳо (маҳалли аҳолинишин), андоз аз объектҳои ғайриманқул барои соли ҷорӣ аз ҷониби андозсупорандагон мутобиқи меъёрҳои қаблан барои чунин заминҳои маҳалли аҳолинишин (гурӯҳи заминҳо) муқарраргардида ва дар соли минбаъда мутобиқи меъёрҳои барои категорияи нави заминҳо (маҳалли аҳолинишин) муқарраргардида, пардохт карда мешавад.

39. Ҳангоми аз як ҳудуди марзию маъмурӣ ба ҳудуди дигар гузаштани маҳалли аҳолинишин, меъёри нави андози замин ва (ё) андоз аз объектҳои ғайриманқул аз 1-уми январи соли минбаъдае, ки дар он тағйирёбии ҳудудӣ ба миён омадааст, истифода карда мешавад.

### §2.Тартиби пешниҳоди ҳисоботи андоз

40. Ҳисоби маблағи андози замин ва (ё) андоз аз объектҳои ғайриманқули шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, ки бояд барои соли ҳисоботӣ пардохт карда шаванд, дар асоси маълумоти тибқи замимаҳои 1 ва 2 Дастурамал пешниҳодшудаи мақомоти ваколатдори соҳавӣ аз ҷониби мақомоти андози маҳалли бақайдгирии андозсупоранда то 1-уми феврали соли ҳисоботӣ тавассути низоми барномаҳои иттилоотии мақомоти андоз ташаккул дода шуда, огоҳиномаҳо тибқи замимаҳои 4 ва 5 Дастурамал дар ин хусус ба ҳуҷраи шахсии андозсупоранда дар шакли электронӣ ирсол мегардад.

41. Дар ҳолати дастрас гардидани маълумоти иловагӣ аз мақомоти ваколатдори соҳавӣ ва ё аз ҷониби андозсупоранда пешниҳод гардидани тавзеҳот (ё ҳуҷҷатҳои асоснок) мақомоти андоз дар давоми як моҳ аз санаи гирифтани чунин маълумот уҳдадор аст онро баррасӣ карда, ҳисоботи ислоҳкардашударо барои давраи ҳисоботӣ ба низоми барномаҳои иттилоотии

мақомоти андоз ворид ва ба андозсупоранда огоҳинома ирсол намояд.

42. Ҳисобкунии маблағҳои андози замин ва (ё) андоз аз объектҳои ғайриманқули шахсони воқеӣ, ки онро дар фаъолияти соҳибкории худ истифода намебаранд, аз ҷониби мақомоти андози маҳалли ҷойгиршавии қитъаҳои замин ва (ё) объектҳои ғайриманқул дар асоси маълумоти мақомоти ваколатдори соҳавӣ то 1-уми феврали соли ҳисоботӣ тавассути низоми барномаҳои иттилоотии мақомоти андоз анҷом дода шуда, огоҳинома дар ин хусус ба ҳуҷраи шахсии андозсупоранда дар шакли электронӣ ирсол мегардад.

43. Агар бо ягон сабаб огоҳинома оид ба маблағҳои андози замин ва (ё) андоз аз объектҳои ғайриманқул ба андозсупоранда нарасида бошад, чунин шахс уҳдадор аст ба мақомоти андози маҳалли ҷойгиршавии молу мулк муроҷиат карда, ҳисобҳои андозҳоро гирад ва мустақилона маблағҳои андозҳоро дар муҳлатҳои муайяннамудаи Дастурамал пардохт намояд.

44. Андозсупорандагон уҳдадоранд маълумоти зарурииро оид ба объектҳои нави андозбандии марбут ба қитъаҳои замин ва (ё) объектҳои ғайриманқули аз нав ҷудокардашуда (бадастовардашуда, гирифташуда, сохташуда, тағйирот дар соҳибмулкӣ) дар давоми 30 рӯзи тақвимӣ аз лаҳзаи ҷудокунӣ (ба даст овардан, гирифтан, сохташуда, тағйирот дар соҳибмулкӣ) ба мақомоти андоз пешниҳод намоянд.

Эзоҳ: Мисол. ҶСП «А» дорои 1,2 гектар замини обӣ ва 2300м$^2$ объекти ғайриманқул буда, он барои амалӣ намудани фаъолияти савдо ва ташкили нуқтаҳои хӯроки умумӣ истифода карда мешавад. Мақомоти андози маҳалли бақайдгирии Ҷамъият дар асоси маълумоти мақомоти ваколатдори соҳавӣ санаи 25 январи соли ҳисоботӣ ба ҳуҷраи шахсии андозсупоранда огоҳинома дар шакли электронӣ ирсол намудааст, ки дар он 1,2 гектар замини обӣ ва 1600 м2 объекти ғайриманқул нишон дода шудаанд. Дар ин ҳолат Ҷамъият уҳдадор мебошад, ки ба мақомоти андоз тавзеҳот (ё ҳуҷҷатҳои асоснок) пешниҳод намояд, ки дар ҳисобот объекти ғайриманқул (2300-1600) 700м$^2$ кам нишон дода шудааст. Мақомоти андоз бо дар назар доштани тавзеҳоти ҷамъият уҳдадор мебошад, ки дар давоми як моҳ аз санаи гирифтани чунин тавзеҳот онро баррасӣ намуда, ҳисоботи ислоҳкардашударо барои давраи ҳисоботӣ ба низоми барномаҳои иттилоотии мақомоти андоз ворид ва ба Ҷамъият огоҳиномаи нав равон кунад.

## §3. Муҳлати пардохти андози замин ва андоз аз объектҳои ғайриманқул

45. Маблағи андози замин ва (ё) андоз аз объектҳои ғайриманқул барои соли ҳисоботӣ аз ҷониби андозсупорандагон на дертар аз рӯзи 15-уми моҳи дуюми ҳар семоҳа ба андозаи аз чор як ҳиссаи маблағи солонаи андоз пардохт

карда мешавад.

46. Андозсупоранда метавонад маблағи андози замин ва (ё) андоз аз объектҳои ғайриманқулро пеш аз муҳлат пурра пардохт намояд.

47. Андозсупоранда уҳдадор аст пардохтҳои андози замин ва андоз аз объектҳои ғайриманқулро дар муҳлатҳои муқаррарнамудаи банди 46 Дастурамал анҷом диҳад. Ҳангоми дар мухлатҳои муқарраргардида аз ҷониби андозсупоранда пардохт нагардидани андози замин ва андоз аз объектҳои ғайриманқул, аз ҷониби мақомоти андоз барои батаъхиргузории муҳлати пардохт фоизҳо ҳисоб карда мешаванд.

Эзоҳ: Мисол. Мақомоти андози маҳалли бақайдгирии ҶДММ «В» дар асоси маълумоти мақомоти ваколатдори соҳавӣ 25 январи соли 2022 ба ҳуҷраи шахсии Ҷамъият дар хусуси аз ҷониби он пардохт гардидани андози замин ба маблағи 15600 сомонӣ ва андоз аз объектҳои ғайриманқул ба маблағи 27800 сомонӣ огоҳинома ирсол намудааст. Дар ин ҳолат Ҷамъият уҳдадор мебошад, ки на дертар аз 15 феврал, 15 май, 15 август ва 15 ноябри соли 2022 ба андозаи аз чор як ҳиссаи маблағи солонаи андоз, андози замин (15600/4) 3900 сомонӣ ва андоз аз объектҳои ғайриманқул (27800/4) 6950 сомонӣ пардохт намояд. Дар сурати аз ҷониби ҶДММ «В» барои семоҳаи дуюми соли ҳисоботӣ пардохт нагардидани андози замин ва андоз аз объектҳои ғайриманқул барои ба таъхир гузоштани ҳар рӯзи пардохт фоиз ҳисоб карда мешавад.

## 5. АНДОЗ АЗ ВОСИТАҲОИ НАҚЛИЁТ

### §1.Андозсупорандагон ва объекти андозбандӣ

48. Супорандагони андоз аз воситаҳои нақлиёт шахсоне мебошанд, ки соҳиб ва (ё) истифодабарандаи воситаҳои нақлиёти дорои объекти андозбандӣ дониста мешаванд.

49. Объектҳои андозбандии андоз аз воситаҳои нақлиёт автомобилҳо, мотосиклҳо, мотороллерҳо, автобусҳо ва механизмҳои дигари худгарди пневматикӣ ва тасмачарх, ҳавопаймоҳо, чархболҳо, локомотивҳои роҳи оҳан, киштиҳои муҳаррикдор, яхтаҳо, киштиҳои бодбонӣ, завракҳо, барфгардҳо, чанаҳои муҳаррикдор, обгардҳои муҳаррикдор ва воситаҳои нақлиёти обӣ ва ҳавоии дигар (минбаъд-воситаҳои нақлиёт) мебошанд, ки номгӯйи онҳоро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

50. Бақайдгирии объектҳои андозбандӣ дар мақомоти корҳои дохилӣ, мақомоти ваколатдори соҳаҳои нақлиёт, мудофиа, кишоварзӣ ва (ё) мақомоти дигари давлатӣ (минбаъд-мақомоти ваколатдори бақайдгирандаи воситаи нақлиёт) анҷом дода мешавад.

51. Новобаста ба корношоямии воситаи нақлиёт ва бо сабабҳои гуногун истифода нагардидани он, инчунин дар қайди давлатӣ набудани воситаи

нақлиёт, андозсупоранда ухдадор аст андоз аз воситаҳои нақлиётро пардохт намояд.

52. Воситаи нақлиёт объекти андозбандӣ дониста намешавад, агар он бо тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз қайди давлатӣ ва аз ҳисоб бароварда шуда бошад.

53. Мақомоти ваколатдори бақайдгирандаи воситаи нақлиёт ухдадоранд на камтар аз як маротиба дар 3 соли тақвимӣ барӯйхатгирии воситаҳои нақлиётро анҷом диҳанд ва тариқи электронӣ ба Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот ирсол намоянд.

Эзоҳ: Мисоли 1. ҶДММ «Б» дар ихтиёри худ 15 воситаи нақлиёт дорад, ки аз ин шумора 10 адад истифодашаванда ва боқимонда 5 адад бо сабаби корношоям буданашон истифода намешаванд. Дар ин ҳолат мутобиқи банди 52 Дастурамал ҶДММ «Б» новобаста аз амалан истифодабарии воситаҳои нақлиёт андоз аз воситаҳои нақлиётро барои 15 воситаи нақлиёт ҳисоб ва буҷет пардохт менамояд.

Мисоли 2. Шахси воқеӣ К. Х. воситаи нақлиёти сабукрави худро 13 майи соли 2022 ба шахси воқеӣ Д.Н. мефурӯшад. Ҳангоми азнавбақайдгирии давлатӣ муайян мегардад, ки воситаи нақлиёти мазкур муддати 3 сол аз муоинаи ҳарсолаи техникӣ нагузашта, андоз аз воситаҳои нақлиёт пардохт карда нашудааст. Дар ин ҳолат К.Х. ухдадор мебошад, ки андоз аз воситаҳои нақлиётро барои давраи 3 соли гузашта бо дар назар доштани ҳисоб намудани фоизҳо барои ҳар рӯзи батаъхиргузорӣ дар ҳаҷми 0,04 фоиз ва барои соли ҷорӣ пардохт намояд.

Мисоли 3. Шахси воқеӣ М.В. соли 2022 аз шахси воқеӣ А.М. воситаи нақлиётро харидорӣ карда, барои ҳамин давра пардохти андозро ба буҷет таъмин намудааст. Бо сабаби корношоям гардидани воситаи нақлиёт М.В. дар ҷамъбасти соли 2022 воситаи нақлиёти мазкурро ба оҳанпора супорида, онро аз қайди давлатӣ ва аз ҳисоб баровардааст. Дар ин ҳолат ухдадории андоз аз воситаи нақлиёти мазкури М.В. бинобар аз қайди давлатӣ баровардани он барои давраи минбаъда ба охир мерасад.

## §2. Манбаъ ва меъёри андоз

54. Манбаи андоз аз воситаҳои нақлиёт иқтидори муҳаррики воситаи нақлиёт мебошад, ки бо воҳидҳои қувваи асп ё воҳиди истифодаи қувваи барқ ё килограмм-фишори муҳаррики реактивӣ ифода меёбад.

55. Меъёрҳои андоз аз воситаҳои нақлиёт вобаста ба иқтидори муҳаррик, фишори муҳаррики реактивӣ, номгӯй, ҷои нишаст, иқтидори борбардорӣ, соҳаи фаъолият бо ҳисоби як қувваи аспи иқтидори муҳаррик, як кВт/соат қувваи барқи иқтидори муҳаррик ва як килограмм - фишори муҳаррики

реактивӣ, ба андозаҳои зерин муқаррар карда мешаванд:

| Номи объектҳои андозбандӣ | Меъёри андоз бо фоиз нисбат ба нишондиҳанда барои ҳисобҳо |
|---|---|
| Мотосикл ва мотороллерҳо (барои ҳар як қувваи асп) | 2,5 |
| Автомобилҳои сабукрав (барои ҳар як қувваи асп):<br>- то 250 қувваи асп<br>- аз 250 то 300 қувваи асп<br>- аз 300 то 350 қувваи асп<br>- зиёда аз 350 қувваи асп | 7,5<br>10<br>12<br>15 |
| Автобусҳо (то 12 ҷой) (барои ҳар як қувваи асп) | 7,5 |
| Автобусҳо барои 13-30 ҷой (барои ҳар як қувваи асп) | 8,5 |
| Автобусҳо зиёда аз 30 ҷой (барои ҳар як қувваи асп) | 9,5 |
| Автомобилҳои боркаш ва воситаҳои нақлиёти дигари иқтидори борбардориашон то 10 тонна (барои ҳар як қувваи асп) | 11 |
| Автомобилҳои боркаши иқтидори борбардориашон аз 10 то 20 тонна (барои ҳар як қувваи асп) | 12,5 |
| Автомобилҳои боркаши иқтидори борбардориашон аз 20 то 40 тонна (барои ҳар як қувваи асп) | 13,5 |
| Автомобилҳои боркаши иқтидори борбардориашон зиёда аз 40 тонна (барои ҳар як қувваи асп) | 14,5 |
| Тракторҳо, воситаҳои нақлиёти муҳаррикдор барои сохтмон, механизмҳои худгарди пневматикӣ ва тасмачарх, ба истиснои дар соҳаи кишоварзӣ истифодашаванда (барои ҳар як қувваи асп) | 2 |
| Барфгард, чанаҳои муҳаррикдор (барои ҳар як қувваи асп) | 1,8 |

| | |
|---|---|
| Завракҳо, киштиҳои муҳаррикдор, яхтаҳо, киштиҳои бодбондор, обгардҳои муҳаррикдор ва воситаҳои нақлиёти дигари обӣ (барои ҳар як қувваи асп) | 15 |
| Локомотивҳои дар роҳи оҳан истифодашаванда (барои ҳар як қувваи асп) | 1 |
| Ҳавопаймоҳо, чархболҳо ва воситаҳои нақлиёти дигари ҳавоӣ (барои ҳар як килограмм-фишори муҳаррики реактивӣ) | 10 |

56. Барои объектҳои андозбандие, ки иқтидори муҳаррики онҳо бо қувваи барқ ифода ёфтааст, 50 фоизи меъёрҳои дар ҷадвал муқарраршуда барои ҳар 1 кВт соат истифода карда мешавад. Барои автомобилҳои дорои ҳам муҳаррики дарунсӯз ва ҳам барқӣ андоз аз рӯи муҳаррике, ки иқтидори баландтар дорад ва агар иқтидораш баробар бошад, аз рӯи иқтидори муҳаррики дарунсӯз ҳисоб карда мешавад.

57. Меъёрҳои андоз аз воситаҳои нақлиёт ҳамасола то 1 феврали соли тақвимӣ дар сомонаи расмии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир карда мешаванд.

Эзоҳ: Мисоли 1. ҶДММ «К» дорои воситаи нақлиёти тамғаи Mersedes-Benz S 350 (W222), соли барориашаш 2017 бо иқтидори муҳаррики 286 қувваи асп мебошад. Маблағи андоз аз воситаҳои нақлиёти ҶДММ «К» дар соли 2022 1430,4 сомониро (1200+230,4) ташкил додааст, ки бо тартиби зерин ҳисоб карда шудааст:

1) 286 қувваи асп - 250 қувваи асп =36 қувваи асп (иқтидори муҳаррик);

2) 250 қувваи асп (иқтидори муҳаррик) *4,8 сомонӣ (64 сомонӣ (НБҲ)*7,5% меъёри андоз)= 1200 сомонӣ;

3) 36 қувваи асп (иқтидори муҳаррики боқимонда) *6,4 сомонӣ (64 сомонӣ (НБҲ)*10% меъёри андоз)=230,4 сомонӣ;

4) 1200+230,4=1430,4 сомонӣ.

Мисоли 2. Шахси воқеӣ Р.М. дорои воситаи нақлиёти тамғаи Honda буда, иқтидори муҳаррики қувваи барқии воситаи нақлиёт ба 130 кВт/с баробар мебошад. Маблағи андоз аз воситаҳои нақлиёти шахси воқеӣ Р.М. дар соли 2022 312 сомониро ташкил додааст, ки бо тартиби зерин ҳисоб карда шудааст:

- 130 кВт/с (иқтидори муҳаррик) * 2,4 сомонӣ (64 сомонӣ (НБҲ)*7,5%/2 (меъёри андоз)) = 312 сомонӣ.

Мисоли 3. Шахси воқеӣ Д.У. дорои воситаи нақлиёти тамғаи Corolla мебошад, ки иқтидори муҳаррики дарунсӯзи он ба 74 қувваи асп ва иқтидори муҳаррики қувваи барқии он ба 61 кВт/с баробар мебошад. Дар мисоли мазкур

андоз аз воситаҳои нақлиёт аз рӯи иқтидори баландтарини, он яъне иқтидори муҳаррики дарунсӯз, ки ба 74 қувваи асп баробар мебошад, ҳисоб карда мешавад.

### §3. Озодкунӣ

58. Воситаҳои нақлиёти зерин аз андоз аз воситаҳои нақлиёт озод карда мешаванд:

- тракторҳо, комбайнҳои муҳаррикдори ғалладарав, пахтачин ва махсус, ки дар соҳаи кишоварзӣ истифода бурда мешаванд;
- автобусҳо ва троллейбусҳое, ки корхонаҳои нақлиёти автомобилии истифодаи умум барои мусофиркашонӣ истифода мебаранд;
- воситаҳои нақлиёти тиббии махсус;
- воситаҳои нақлиёти ҳарбии махсус ва техникаи ҳарбии махсуси баҳисобгирифташуда;
- як автомобили сабукрави ба маъюби гурӯҳҳои I ё II тааллуқдошта;
- нақлиёти саноатии роҳи оҳан (ба истиснои локомотивҳо);
- як автомобили сабукрав, новобаста ба иқтидори муҳаррик, ки моликияти Қаҳрамони Иттиҳоди шӯравӣ, Қаҳрамони меҳнати сотсиалистӣ, Қаҳрамони Тоҷикистон, дорандаи ордени ситораи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ордени Зарринтоҷ, ордени Исмоили Сомонӣ, иштирокчии Ҷанги бузурги ватании солҳои 1941-1945, шахси ба ӯ баробаркардашуда, иштирокчии дигар амалиётҳои ҳарбӣ оид ба муҳофизати Иттифоқи Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ, ҷанговари интернатсионалист, иштирокчии рафъи оқибатҳои фалокати Неругоҳи барқи атомии Чернобил мебошад.

### §4. Тартиби пардохти андоз аз воситаҳои нақлиёт

59. Андоз аз воситаҳои нақлиёт ба буҷети дахлдори маҳалли бақайдгирии воситаи нақлиёт на дертар аз мӯҳлати гузаштани бақайдгирӣ ё муоинаи техникии ҳарсолаи воситаи нақлиёт пардохт карда мешавад.

60. Дар ҳолати аз нав ба қайд гирифтани воситаи нақлиёт, аз ҷумла ҳангоми хариду фурӯши он, андоз аз воситаҳои нақлиёт пардохт карда намешавад, агар соҳиби қаблии воситаи нақлиёт барои ин соли тақвимӣ андоз аз воситаҳои нақлиётро пардохт карда бошад.

61. Бақайдгирӣ, азнавбақайдгирӣ ва гузаронидани муоинаи техникии ҳарсолаи он танҳо баъд аз пардохти андоз барои соли андоз анҷом дода мешавад.

62. Ҳисоби маблағҳои андоз аз воситаҳои нақлиёти шахсони ҳуқуқӣ аз ҷониби мақомоти андози маҳалли бақайдгирии воситаҳои нақлиёт дар асоси маълумоти тибқи замимаи 3 Дастурамал пешниҳодшудаи мақомоти

ваколатдори бақайдгирандаи воситаҳои нақлиёт то 1-уми апрели соли ҷорӣ ташаккул дода шуда, дар ин хусус тавассути низоми иттилооти барномаҳои мақомоти андоз ба ҳуҷраи шахсии андозсупоранда дар шакли электронӣ огоҳинома тибқи замимаи 6 Дастурамал ирсол карда мешавад.

63. Дар ҳолати дастрас гардидани маълумоти иловагӣ мақомоти ваколатдори бақайдгирандаи воситаҳои нақлиёт ва ё аз ҷониби андозсупоранда пешниҳод намудани тавзеҳот (ё ҳуҷҷатҳои асоснок) мақомоти андоз дар давоми як моҳ аз санаи гирифтани чунин маълумот уҳдадор аст онро баррасӣ намуда, ҳисоботи ислоҳкардашударо барои давраи ҳисоботӣ ба низоми иттилоотӣ барномаҳои мақомоти андоз ворид карда, ба андозсупоранда огоҳинома ирсол намояд.

64. Мақомоти ваколатдори бақайдгирандаи воситаҳои нақлиёт уҳдадоранд ҳар сол тариқи электронӣ то 1-уми апрели сол ба мақоми ваколатдори давлатӣ маълумот дар бораи соҳибони воситаҳои нақлиёт, воситаҳои нақлиётии ба қайди давлатӣ гузоштташуда, аз муоинаи техникӣ гузаронидашуда ва пардохти маблағи андоз аз воситаҳои нақлиётро пешниҳод намоянд.

65. Мақомоти андоз бо мақсади таъмини пардохти пурраи андоз аз воситаи нақлиёт ба шахсони ҳуқуқӣ ва воҳидҳои алоҳидаи онҳо дар бораи маблағи ҳисобшудаи андоз дар муҳлатҳои зерин огоҳинома мефиристад:

1) дар давоми даҳ рӯз пас аз омода гардидани ҳисобот аз ҷониби мақомоти андоз дар бораи маблағи ҳисобшудаи андоз, ки бояд аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ ва воҳидҳои алоҳидаи онҳо дар давраи андоз пардохт карда шавад;

2) на дертар аз ду моҳ аз санаи аз ҷониби мақомоти андоз гирифтани ҳуҷҷатҳо ва (ё) маълумоти дигаре, ки барои ҳисоб кардан (азнавҳисобкунӣ)-и маблағи андозҳои дахлдори андозсупоранда барои давраи пешинаи андоз пардохтшаванда заруранд;

3) на дертар аз як моҳ аз лаҳзаи гирифтани маълумоти дар Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ дарҷгардида дар бораи он, ки ташкилоти дахлдор дар марҳилаи барҳамдиҳӣ қарор дорад.

## 6. НАЗОРАТИ ПАРДОХТИ АНДОЗҲО

66. Ҷамъоварии андоз аз объектҳои ғайриманқул ва андози замини шахсони воқеӣ дар деҳот метавонад тавассути низомҳои автоматии электронии пардохт бо пешниҳоди расиди тасдиқкунанда, аз ҷумла аз ҷониби корманди ваколатдори мақомоти андоз бо мусоидати кормандони мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот амалӣ карда шавад.

67. Назорати пардохт намудани андози замин ва (ё) андоз аз объектҳои ғайриманқул аз ҷониби мақомоти андоз дар ҳамкорӣ бо мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот амалӣ карда мешавад.

68. Назорати пардохти андоз аз воситаҳои нақлиётро мақомоти ваколатдори бақайдгирандаи воситаи нақлиёт амалӣ менамоянд.

69. Тибқи муқаррароти моддаи 70 Кодекси андоз, Кумитаи андоз иҷрои талаботи қонунгузории андозро аз ҷониби мақомоти дахлдори давлатӣ вобаста ба масъалаҳои баҳисобгирии объектҳои андоз, пардохти андозҳо аз молу мулк, инчунин дар мухлатҳои муқарраршуда ба буҷети давлатӣ гузаронидани онҳоро таҳти назорат қарор медиҳад.

70. Андозсупорандагон, намояндагони онҳо ва шахсони манасабдор, инчунин агентҳои андоз барои риоя накардани талаботи Дастурамал тибқи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Замимаи 1
ба Дастурамал оид ба ҳисоб ва пардохт
намудани андоз аз объектҳои ғайриманқул,
андози замин ва андоз аз воситаҳои нақлиёт,
инчунин шаклҳои эъломия (ҳисобот)

Маълумот
дар бораи супорандагони андоз аз объектҳои ғайриманқул

| Р/Т | Номгӯйи ҳар як соҳибмулки объектҳои ғайриманқул | Ҳар як объекти ғайриманқул | Масоҳати ишғолнамудаи объекти ғайриманқул | Маҳалли ҷойгиршавӣ | Таъиноти истифодабарӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | | | | | |
| 2 | | | | | |
| 3 | | | | | |
| 4 | | | | | |
| 5 | | | | | |
| 6 | | | | | |
| 7 | | | | | |
| 8 | | | | | |
| 9 | | | | | |
| 10 | | | | | |

Замимаи 2
ба Дастурамал оид ба ҳисоб ва пардохт
намудани андоз аз объектҳои ғайриманқул,
андози замин ва андоз аз воситаҳои нақлиёт,
инчунин шаклҳои эъломия (ҳисобот)

Маълумот
дар бораи супорандагони андози замин

| Р/Т | Номгӯйи ҳар як соҳибмулки қитъаи замин | Номгӯйи ҳар як қитъаи замин | Минтақаи кадастрӣ ва маҳалли ҷойгиршавӣ | Масоҳати ишғолнамудаи қитъаи замин | Таъиноти истифодабарӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | | | | | |
| 2 | | | | | |
| 3 | | | | | |
| 4 | | | | | |
| 5 | | | | | |
| 6 | | | | | |
| 7 | | | | | |
| 8 | | | | | |
| 9 | | | | | |
| 10 | | | | | |

Замимаи 3
ба Дастурамал оид ба ҳисоб ва пардохт
намудани андоз аз объектҳои ғайриманқул,
андози замин ва андоз аз воситаҳои нақлиёт,
инчунин шаклҳои эъломия (ҳисобот)

## Маълумот
## дар бораи соҳибони воситаҳои нақлиёт, воситаҳои нақлиётии ба қайди давлатӣ гузошташуда, аз муоинаи техникӣ гузаронидашуда ва пардохти маблағи андоз аз воситаҳои нақлиёт

| Р/т | Соҳиби воситаи нақлиёт | Рақами мушаххаси андозсупоранда (РМА) | Суроғаи зист | Номгӯй (тамға)-и ҳар як воситаи нақлиёти ба қайди давлатӣ гузошташуда (ба ҳисоб гирифташуда) ба ҳолати 31декабри соли ҳисоботӣ | Рақами мушаххаси воситаи нақлиёт (VIN-код) | Рақами қайди давлатӣ | Воситаи нақлиёти аз муоинаи техникӣ гузаронидашуда | Иқтидори муҳаррики воситаи нақлиёт | | Шумораи ҷойҳои нишаст (нисбати воситаҳои нақлиёти одамкаш) (адад) | Иқтидори борбардорӣ (нисбати воситаҳои нақлиёти боркаш) (тонна) | Маблағи андози ҳисобшуда ва пардохтшуда барои воситаҳои нақлиёти аз муоинаи ҳарсолаи техникӣ гузаронидашуда | | Бақайдгирӣ баъд аз барасмиятдарории гумрукӣ | | Мағоҳаи комиссионие, ки воситаи нақлиёт тавассути он харидорӣ ё фурухта шудааст |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | | Бо қувваи асп | кВт соат қувваи барқ | | | Ҳисобшуда | Пардохтшуда | №__эъломия гумрукӣ | Маблағи пардохтҳои гумрукӣ | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Ҷамъ | | | | | | | | | | | | | | | | |

Замимаи 4
ба Дастурамал оид ба ҳисоб ва пардохт намудани андоз аз объектҳои ғайриманқул, андози замин ва андоз аз воситаҳои нақлиёт, инчунин шаклҳои эъломия (ҳисобот)

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
шахр (нохия)-и______________
Огоҳинома
оид ба пардохти андози замин ва андоз аз объектҳои ғайриманқул аз ҷониби шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ
№ ____________

Номи андозсупоранда
РМА
РЯМ
Суроға

| Объектҳои андозбандишаванда | | | |
|---|---|---|---|
| 1.Объектҳои ғайриманқул:_______________________ 2.Заминҳо_______________________ | | | |
| Бақияи қарзи андозҳои солҳои гузашта | | | |
| Номгӯй | Маблағи қарзи андоз | Фоиз | Ҳамагӣ |
| Андоз аз объектхои ғайриманқул | | | |
| Андози замин | | | |
| Маблағҳои ҳисобшудаи соли ҷорӣ | | | |
| Номгӯй | Андоз | Фоиз | Ҳамагӣ |
| Андоз аз объектҳои ғайриманқул | | | |
| Андози замин | | | |
| Ҷамъи маблағи андозҳо ва фоизҳо | | | |

Муҳлати пардохти андоз аз объектҳои ғайриманқул ва андози замин: то 15-уми феврал, 15-уми май, 15-уми август ва 15-уми ноябри соли ҷорӣ бо ҷамъбасти афзоянда аз оғози сол мутаносибан дар хаҷми на камтар аз 25 фоиз, 50 фоиз, 75 фоиз ва 100 фоизи маблаги солона.

Новобаста ба ин, Шумо метавонед маблағи андози замин ва андоз аз объектҳои ғайриманқулро пеш аз муҳлат пурра пардохт намоед.

Тибқи муқаррароти моддаи 87 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон Шумо ухдадоред талаботи қонунгузории андозро, ки дар огоҳинома қайд шудааст, дар муҳлати дар он мукарраршуда иҷро

намоед. Ҳангоми дар муҳлати муқарраргардида пардохт накардани маблағи андози дар огоҳинома қайдшуда, бо тартиби мукаррарнамудаи конунгузорӣ нисбати Шумо чораҷӯӣ карда мешавад.

Агар вобаста ба ҳисобкунии андози замин ва андоз аз объектҳои ғайриманқул дар огоҳиномаи мазкур объектҳои андозбандишаванда ва маблағи ҳисобшудаи андоз нопурра ва ё маълумот носаҳеҳ дарҷ шуда бошанд, Шумо метавонед бо ҳуҷҷатҳои асоснок ва тавзеҳот ба мақомоти андози маҳалли фаъолият (истиқомат) муроҷиат намоед.

Сана

Сардори нозироти андоз: имзо

нозири мутасаддӣ: имзо

МАЪЛУМОТ ОИД БА ҚАБУЛИ ОГОҲИНОМА

№ _____________

| Қабулкунанда |
|---|

☐ - роҳбар ё сармуҳосиб

☐ - дигар шахси масъул

Ному насаб: ________________________ имзо:___________

Санаи қабул: _________________

Замимаи 5
ба Дастурамал оид ба ҳисоб ва пардохт намудани андоз аз объектҳои ғайриманқул, андози замин ва андоз аз воситаҳои нақлиёт, инчунин шаклҳои эъломия (ҳисобот)

КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

шахр (нохия)-и________________

Огоҳинома
оид ба пардохти андози замин ва андоз аз объектҳои ғайриманқул аз ҷониби шахси воқеӣ
№ _____________

Насаб, ном, номи падар
РМА
Суроға

| Объектҳои андозбандишаванда | | | |
|---|---|---|---|
| 1.Объектҳои ғайриманқул: ____________________________________________________________ 2.Қитъаҳои замин: _______________________________________________________ | | | |
| Бақияи қарзи андозҳои солҳои гузашта | | | |
| Номгӯй | Маблағи қарзи андоз | Фоиз | Ҳамагӣ |
| Андоз аз объектҳои ғайриманқул | | | |
| Андози замин | | | |
| Маблағҳои ҳисобшудаи соли ҷорӣ | | | |
| Номгӯй | Андоз | Фоиз | Ҳамагӣ |
| Андоз аз объектҳои ғайриманқул | | | |
| Андози замин | | | |
| Ҷамъи маблағи андозҳо ва фоизҳо | | | |

Муҳлати пардохти андоз аз объектҳои ғайриманқул ва андози замин: то 15-уми феврал, 15-уми май, 15-август ва 15-уми ноябри соли ҷорӣ бо ҷамъбасти афзоянда аз оғози сол мутаносибан дар хаҷми на камтар аз 25 фоиз, 50 фоиз, 75 фоиз ва 100 фоизи маблағи солона.

Новобаста ба ин, Шумо метавонед маблағи андози замин ва андоз аз объектҳои ғайриманқулро пеш аз муҳлат пурра пардохт намоед.

Тибқи муқаррароти моддаи 87 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон Шумо уҳдадоред талаботи қонунгузории андозро, ки дар огоҳинома қайд шудааст, дар

муҳлати дар он муқараршуда иҷро намоед. Ҳангоми дар муҳлати муқарраргардида пардохт накардани маблағи андози дар огоҳинома қайдшуда, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ нисбати Шумо чораҷӯӣ карда мешавад.

Агар вобаста ба ҳисобкунии андози замин ва андоз аз объектҳои ғайриманқул дар огоҳиномаи мазкур объектҳои андозбандишаванда ва маблағи ҳисобшудаи андоз нопурра ва ё маълумот носаҳеҳ дарҷ шуда бошанд, Шумо метавонед бо ҳуҷҷатҳои асоснок ва тавзеҳот ба мақомоти андози маҳалли фаъолият (истиқомат) муроҷиат намоед.

Сана

сардори нозироти андоз: имзо

нозири мутасаддӣ: имзо

| | | | |
|---|---|---|---|
| | МАЪЛУМОТ ОИД БА ҚАБУЛИ ОГОҲИНОМА | | |
| | | №______________ | |
| Қабулкунанда | | | |
| | - соҳибмулк | | |
| | - дигар шахсе, ки истифодабарандаи объекти ғайриманқул ё қитъаи замин мебошад. | | |
| Ному насаб: | ___________________________ имзо:____________ | | |
| РМА | | | |
| Суроға: | | | |
| Рақами телефон | | | |
| Санаи қабул: | ___________________ | | |

Замимаи 6
ба Дастурамал оид ба ҳисоб ва пардохт намудани андоз аз объектҳои ғайриманқул, андози замин ва андоз аз воситаҳои нақлиёт, инчунин шаклҳои эъломия (ҳисобот)

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
шаҳр (ноҳия)-и ______________

# Огоҳинома

оид ба пардохти андоз аз воситаи нақлиёт
№ _____________

Номи андозсупоранда
РМА
РЯМ
Суроғаи андозсупоранда

| Объектҳои андозбандишавандаи андоз аз воситаҳои нақлиёт | |
|---|---|
| Р/т | Номгӯйи объектҳои андозбандишаванда |
| 1 | |
| 2 | |

| Бақияи қарзи андозҳои солҳои гузашта | | | |
|---|---|---|---|
| Номгӯй | Маблағи қарзи андоз | Фоиз | Ҳамагӣ |
| Андоз аз воситаҳои нақлиёт | | | |

| Маблағҳои ҳисобшудаи соли ҷорӣ | | | |
|---|---|---|---|
| Номгӯй | Андоз | Фоиз | Ҳамагӣ |
| Андоз аз воситаҳои нақлиёт | | | |
| Ҷамъи маблағи андозҳо ва фоизҳо | | | |

Андоз аз воситаҳои нақлиёт ба буҷети дахлдори маҳалли бақайдгирии воситаи нақлиёт на дертар аз мӯҳлати гузаштани бақайдгирӣ ё муоинаи техникии ҳарсолаи воситаи нақлиёт пардохт карда мешавад.

Тибқи муқаррароти моддаи 87 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон Шумо уҳдадоред, ки талаботи қонунгузории андозро, ки дар огоҳинома қайд шудаст дар мӯҳлатҳои дар он мукараршуда иҷро намоед. Дар сурати дар мӯҳлатҳои муқарраргардида пардохт нагардидани маблағи андози дар огоҳинома қайдшуда, тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ нисбати Шумо чораҳои дахлдор андешида мешавад.

Агар вобаста ба ҳисобкунии андоз аз воситаҳои нақлиёт дар огоҳиномаи мазкур объектҳои андозбандишаванда ва маблағи ҳисобшудаи андоз нопурра ва ё маълумотҳо носаҳеҳ дарҷ шуда бошанд, Шумо метавонед бо ҳуҷҷатҳои асоснок ва тавзеҳот ба мақомоти андози маҳалли фаъолият (истиқомат) муроҷиат намоед.

Сана
сардори нозироти андоз: ______________ имзо
нозири мутасаддӣ: ______________ имзо

---

МАЪЛУМОТ ОИД БА ҚАБУЛИ ОГОҲИНОМА
№ _____________

**Қабулкунанда**

☐ - соҳиби воситаи нақлиёт
☐ - истифодабарандаи воситаи нақлиёт

Ному насаб: __________________________ имзо:___________
Санаи қабул: __________________